# КАБИНЕТИ ИНФИРОДИИ ДОВТАЛАБ – ВОСИТАИ ДАСТРАСӢ БА МАЪЛУМОТИ БОЭЪТИМОД ВА ТАЪМИНГАРИ ШАФФОФИЯТ ДАР НИЗОМИ ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ

***Назарзода Рустам Саидмурод,*** *сардори раёсати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: RNazarov@ntc.tj*

Аз соли ҷорӣ гардидани (соли 2014) низоми имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (минбаъд – ИМД) то ба имрӯз дар саросари ҷумҳурӣ қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла 35 муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва 63 муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, тибқи “Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” [4] аз ҷониби Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Марказ) сурат мегирад.

ИМД низоми ба таври мутамарказ ва бар принсипҳои воқеият (объективӣ), шаффофият, мустақилияти равандҳои баргузории имтиҳонҳо ва таъмини дастёбии баробарҳуқуқ ба имтиҳонсупорӣ ва бар истифодаи шаклу усули муосири арзёбии дониши довталабон ва техникаю технологияҳои пешрафта, равандҳои стандартишудаи баргузории имтиҳонҳо (тестгузаронии педагогӣ [1, 2]), коркард, таҳлил ва пешниҳоди натиҷаҳо асос ёфтааст [4].

Истифодаи васеи воситаҳои муосири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (минбаъд – ТИК) ҷиҳати ба таври худкор коркарду арзёбӣ намудани додаҳои ИМД ва аз байн бурдани таъсири омилҳои инсонӣ дар ҳамаи марҳалаҳои низоми ИМД кафолати одилона анҷом додани равандҳои марбут ба низоми мазкур мебошад. Дастрас кардани маълумоти саривақтӣ барои довталаб дар ИМД бо истифода аз воситаҳои муосири ТИК, аз ҷумла сомона (Web-сайт)-и расмии Марказ (**www.ntc.tj**), низоми иттилоотии “Кабинети инфиродии довталаб” ва хизматрасонии паёмакҳои телефонӣ – SMS, шаффофии низоми ИМД-ро таъмин менамояд.

Бо дарназардошти ин, ки барои ҳар довталаби дар низоми ИМД азқайдгузашта дар заминаи сомонаи Марказ кабинети инфиродӣ кушода шуда, дар он вобаста ба ҳамаи марҳалаҳои ИМД (аз бақайдгирӣ то тақсимот) маълумоти барои довталаб зарурию боэътимод муфассал

пешниҳод мегардад ва он ҳамчун воситаи таъмини шаффофияти низоми ИМД ба ҳисоб меравад, мақолаи мазкур маҳз ба низоми иттилоотии "Кабинети инфиродии довталаб" бахшида шудааст. Дар мақола моҳият, хусусиятҳои хос, ҷузъҳои асосӣ ва тарзи истифодаи кабинети инфиродӣ баён гардида, ҳамчунин, ҳолати бакорбарии онҳо аз ҷониби довталабон дар солҳои роҳандозии низоми ИМД қисман мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

**Кабинети инфиродӣ** фазои шахсии барои довталаб дар заминаи сомонаи Марказ ҷудошуда мебошад, ки дар он марҳала ба марҳала ҳамаи маълумоти барояш зарурӣ гузошта шуда, замони муайяне (аз лаҳзаҳои бақайдгирии довталаб то анҷоми даври пурраи ИМД дар соли имтиҳонӣ) дар он нигоҳ дошта мешавад [3]. Кабинети инфиродӣ сарчашмаи маълумот оид ба натиҷаҳои иштироки довталаб дар ИМД мебошад, ки вобаста аз ҳар марҳалаи ИМД ӯ аз кабинети инфиродии худ метавонад чунин иттилои муҳим ва муътамад, аз қабили маълумоти шахсӣ, нусхаи варақаи бақайдгирӣ ва даъватнома, гурӯҳи ихтисосҳо ва рӯйхати комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкарда, ҷадвали баргузории имтиҳонҳо, нусхаи варақаҳои ҷавобҳо аз ҳар қисми имтиҳон, натиҷаи имтиҳонҳо бо дарназардошти роҳёбӣ ба озмуни тақсимот, натиҷаи тақсимот ва монанди инҳоро ба даст орад.

Низоми иттилоотии "Кабинети инфиродии довталаб" аз рӯйи сохтори "мизоҷ-сервер", ки бар истифодаи технологияҳои Web асос меёбад, ҳамчун Web-замима таҳия гардидааст (ниг. ба расми 1). Бино бар ин, барои истифода аз имкониятҳои низоми иттилоотии мазкур довталабро (ҳамчун "мизоҷ"-и низом) зарур аст, ки шарт ва талаботи зеринро иҷро намояд:

- ✓ имконияти пайваст шудан ба шабакаи Интернет (ба воситаи компютер, телефони мобилӣ ва ғайра) ва малакаю маҳорати истифода аз онро соҳиб бошад;
- ✓ рақами назоратӣ ва рамзи воридшавиро ба кабинети инфиродияш донад;
- ✓ почтаи электронӣ дошта бошад ва рақами телефони мобилии дар вақти бақайдгирӣ нишондодаашро фаъол нигоҳ дорад, то ки ҳар ду ин воситаро барои барқарор кардани рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ ҳангоми фаромӯш кардани рамз истифода бурда тавонад;
- ✓ талаботро нисбат ба бехатарии иттилоот риоя кунад (махсусан, махфӣ нигоҳ доштан ва ифшо накардани рамзи воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ).




Расми 1. Сохтори низоми иттилоотии “Кабинети инфиродии довталаб”

Низоми иттилоотии “Кабинети инфиродии довталаб” ҳамасола аз оғози марҳалаи бақайдгирии довталабон (1-уми март) то анҷоми даври пурраи ИМД (31-уми октябр) фаъол нигоҳ дошта шуда, дар шабакаи Интернет дастрас мебошад.

Дастрасӣ ба саҳифаи аввали низоми мазкур бо ду тарз имкон дорад: (а) бевосита – аз тариқи истифодаи нишонии интернетии **cabinet.ntc.tj**; (б) бавосита – аввалан кушодани сомонаи расмии Марказ аз рӯйи нишонии **www.ntc.tj** ва баъдан гузаштан ба саҳифаи аввали низом тавассути нишонӣ – пайванди “**Кабинети инфиродӣ**”. Саҳифаи аввал аз равзанаи “Воридшавӣ” (ниг. ба расми 2) иборат аст. Барои ворид шудан ба кабинети инфиродӣ довталабро зарур аст, ки рақами назоратӣ ва рамзи худро ба низом **бехато** пешниҳод намояд. Бори аввал, ҳангоми воридшавӣ ба кабинети инфиродӣ низом аз довталаб тибқи талаботи таъмини амнияти иттилоотӣ иваз кардани рамзи муваққатиро талаб менамояд.




Расми 2. Равзанаи “Воридшавӣ”

Кабинети инфиродии довталаб аз якчанд равзана иборат аст, ки онҳо вобаста ба даврҳои алоҳидаи ИМД марҳала ба марҳала фаъол мегарданд. Бо мақсади барои хонанда возеҳу фаҳмо муаррифӣ намудани ҳадаф ва вазифаҳои ҳар як равзана мо тасмим гирифтем, ки ҳолатҳои гуногун ва имконпазири тавлид (генератсия) шудани маълумотро барои равзанаҳои алоҳидаи кабинетии инфиродии довталаб мушаххас баён созем. Таъкид месозем, ки равзанаҳои дар расмҳои минбаъда овардашуда ба ҳамон як довталаб мансуб нестанд. Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки барои баёни муҳтавои равзанаи “Маълумоти шахсӣ” маълумоти воқеии яке аз довталабон дар ИМД-2018 бо розигии ӯ ва намояндааш мавриди истифода қарор дода шудааст.

**1. <u>Равзанаи “Маълумоти шахсӣ”</u>**. Ҳангоми бомуваффақият ворид шудан ба кабинети инфиродӣ равзанаи “Маълумоти шахсӣ” (ниг. ба расми 3), ки дар он маълумоти шахсии довталаб ҷой дода шудааст, ҳамчун саҳифаи асосӣ кушода мешавад. Дар равзанаи мазкур инчунин, нусхаи варақаи бақайдгирӣ ва даъватномаи довталаб дар намуди файлҳои навъи “.pdf” дастрасанд. Маълумоти шахсӣ ва нусхаи варақаи бақайдгирии довталаб ҳанӯз аз рӯзи ба қайд гирифтани ӯ дар кабинети инфиродияш ҷой дода мешавад. Нусхаи даъватномаи довталаб танҳо баъди ба анҷом расидани даврҳои бақайдгирӣ (1-уми март – 15-уми апрел) ва азнавбақайдгирӣ (16-ум – 30-юми апрел) дар натиҷаи роҳандозии марҳалаҳои навбатии ИМД (таъсиси марказҳои имтиҳонӣ, тақсимоти довталабон дар онҳо ва тавлиди даъватномаҳо) дар ин равзана ҷой дода мешавад.



| | |
|---|---|
| **Рақами назоратӣ:** | 1051181109241 |
| **Ному насаб:** | Мавлоназаров Азизхон Силмонович |
| **Санаи таваллуд:** | 01-05-2000 |
| **Муассисаи таълимӣ:** | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 29 |
| **Суроға:** | ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ, х.299 ҳ.76 |
| **Намуди ҳуҷҷат:** | Шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Силсила ва рақами ҳуҷҷат:** | № A01214978 |
| **Почтаи электронӣ:** | silmon@mail.ru |
| **Телефони мобилӣ:** | (+992) 93-999-60-99 |
| **Варақаи бақайдгирӣ:** | PDF |
| **Даъватнома:** | PDF |

Расми 3. Равзанаи “Маълумоти шахсӣ”

**2. Равзанаи “Рӯйхати ихтисосҳо”**. Дар низоми ИМД довталаб имкони интихоби то 12 комбинатсияи ихтисосҳоро дар доираи танҳо як гурӯҳи ихтисосҳо дорад. Дар равзанаи “Рӯйхати ихтисосҳо” (ниг. ба расми 4) маълумот оид ба комбинатсияҳои ихтисосҳои дар даври бақайдгирӣ интихобкардаи довталаб (рамз ва номи ихтисос, муассисаи таълимӣ, шакл, намуд ва забони таҳсил) аз рӯйи бартарии интихоби онҳо оварда мешавад. Рӯйхати комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардаи довталаб ҳанӯз аз рӯзи фаъол гардидани кабинети инфиродии ӯ дар ин равзана гузошта мешавад. Ба сифати намуна, дар расми 4 рӯйхати комбинатсияҳои ихтисосҳои дар доираи гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум – “Табиӣ ва техникӣ” интихобкардаи яке аз довталабони дар ИМД-2018 ширкаткарда оварда шудааст.

| Бартарии интихоб | Ихтисос | Муассисаи таълимӣ | Намуди таҳсил | Шакли таҳсил | Забони таҳсил |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 010302 - Математикаи амалӣ ва информатика | Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | ройгон | рӯзона | русӣ |
| 2 | 90301 - Информатика ва техникаи ҳисоббарорӣ | Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ “МИСиС” дар шаҳри Душанбе | ройгон | рӯзона | русӣ |
| 3 | 16901 - Меъморӣ (ФМТ ДМТБ) | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ройгон | рӯзона | русӣ |
| 4 | 17002 - Сохтмонӣ (ФМТ ДМТБ) | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ройгон | рӯзона | русӣ |
| 5 | 1690101 - Меъморӣ | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ |
| 6 | 170020105 - Лоиҳакашии биноҳо ва иншоот | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ |
| 7 | 1700201 - Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ |
| 8 | 169010109 - Дизайни муҳити меъморӣ | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ройгон | рӯзона | русӣ |
| 9 | 131030302 - Математикаи амалӣ (фаъолияти илмию истеҳсолӣ) | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ |
| 10 | 1690101 - Меъморӣ | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | пулакӣ | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ |
| 11 | 170020105 - Лоиҳакашии биноҳо ва иншоот | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | пулакӣ | рӯзона | тоҷикӣ |
| 12 | 17002 - Сохтмонӣ (ФМТ ДМТБ) | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | пулакӣ | рӯзона | русӣ |

Расми 4. Равзанаи “Рӯйхати ихтисосҳо”

Дар робита ба рӯйхати пешниҳодгардида якчанд нуктаи муҳимро дарҷ месозем:

1) комбинатсияи ихтисоси бартарии интихобаш 1-ум аз доираи ихтисосҳои филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе интихоб гардидааст, ки он дар баробари супоридани имтиҳонҳои қисмҳои А (имтиҳони умумӣ) ва Б (имтиҳони ихтисос), супоридани имтиҳони қисми Г (имтиҳони иловагии тахассусӣ)-ро талаб мекунад;

2) комбинатсияҳои ихтисосҳои бартарии интихобашон 3-юм, 5-ум, 8-ум ва 10-ум аз доираи ихтисосҳое интихоб гардидаанд, ки онҳо дар қатори супоридани танҳо имтиҳони қисми А супоридани имтиҳони қисми В (имтиҳони эҷодӣ ва маҳорати махсус)-ро барои санҷидани қобилияти эҷодӣ ва малакаю маҳорати махсуси довталаб дар самтҳои меъморӣ ва дизайн (барои ҳолати баррасишаванда) талаб менамоянд;

3) комбинатсияҳои ихтисосҳои боқимонда аз доираи ихтисосҳои “муқаррарӣ” интихоб гардидаанд, ки онҳо супоридани имтиҳонҳои қисми А ва Б-ро талаб мекунанд;

4) барои роҳ ёфтани довталаб ба озмуни тақсимот аз рӯйи комбинатсияҳои ихтисосҳои дар рӯйхат овардашуда ӯ бояд имтиҳонҳои қисмҳои А, Б, В ва Г-ро бомуваффақият супорад.

**3. <u>Равзанаи “Ҷадвали имтиҳонҳо”</u>**. Маълумот дар бораи макон (маркази имтиҳонӣ) ва замон (рӯзу соат)-и баргузории қисмҳои имтиҳон, ки вобаста ба комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкарда довталаб дар онҳо бояд ҳатман иштирок намояд, дар равзанаи “Ҷадвали имтиҳонҳо” (ниг. ба расми 5) ҷой дода мешавад. Равзанаи мазкур аз лаҳзаи омода шудани даъватномаҳои довталабон ва нашри онҳо дар кабинетҳои инфиродӣ фаъол мегардад.

| Имтиҳон | Макон | Рӯз | Вақт |
|---|---|---|---|
| Қисми В | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ (ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10) | аз 28.06.2018 то 14.07.2018 | |
| Қисми Г | Филиали ДДМ ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе (ш. Душанбе, кӯч. Бохтар, 35/1) | ҳозиршавӣ: 25.06.2018 | 09:00 |
| Қисми А | Муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумии № 87 (ш. Душанбе, н. Сино, маҳ. Зарафшон, 2/2) | 01.07.2018 | 09:00 |
| Қисми Б | Муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи умумии № 87 (ш. Душанбе, н. Сино, маҳ. Зарафшон, 2/2) | 08.07.2018 | 09:00 |

**Эзоҳ:**

Қисми А (имтиҳони умумӣ): субтестҳои «Забони тоҷикӣ», «Математика», «Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ»

Қисми Б (имтиҳони ихтисос): субтестҳои «Математика», «Физика», «Химия»

Расми 5. Равзанаи “Ҷадвали имтиҳонҳо”

**4. <u>Равзанаи “Нусхаи варақаҳои ҷавобҳо”</u>**. Дар равзанаи “Нусхаи варақаҳои ҷавобҳо” (ниг. ба расми 6) акс (сурат)-и варақаҳои ҷавобҳо, яъне нусхаи сканершудаи онҳо дар намуди файлҳои “.jpg” барои қисмҳои А ва Б ва “.tif” барои кори хаттӣ (эссе) – дутарафа) дастрасанд. Вобаста ба рӯйхати комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардаи довталаб, ки супоридани имтиҳонҳои дахлдорро талаб мекунад, равзанаи мазкур нусхаи варақаи ҷавобҳоро аз як қисми имтиҳон (қисми А), ду қисми имтиҳон (қисми А ва кори хаттӣ (эссе), ё қисмҳои А ва Б) ё се қисми имтиҳон (қисми А, кори хаттӣ (эссе) ва қисми Б) дарбар гирифта метавонад.

Ҳамчун намуна, дар расми 6 мундариҷаи равзанаи “Нусхаи варақаҳои ҷавобҳо” мувофиқ ба кабинети инфиродии яке аз довталабоне оварда шудааст, ки ӯ комбинатсияҳои ихтисосҳои худро дар доираи гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм – “Филология, педагогика ва санъат” интихоб кардааст. Ҳадди ақал, яке аз комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардаи довталаб аз доираи ихтисосҳои ин ё он муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбӣ интихоб гардидааст, зеро аз расм дида мешавад, ки ӯ аз забони тоҷикӣ кори хаттӣ (эссе) низ навиштааст.

Равзанаи мазкур аз рӯзи супоридани имтиҳони якуми довталаб (тибқи ҷадвали имтиҳонҳо ва даъватнома) фаъол гардида, вобаста ба имтиҳонҳои месупоридаи ӯ ва рӯзҳои баргузории онҳо таҷдид мегардад. Дастрасӣ ба нусхаи варақаҳои ҷавобҳо ба довталаб имкон медиҳад, ки ӯ бо нусхаи варақаҳои ҷавобҳо ва тозанависи кори хаттӣ (эссе)-и худ шинос шавад, инчунин, бо истифода аз нусхаи варақаҳои ҷавобҳои тест метавонад ҷавобҳояшро бо ҷавобҳои дуруст (калид)-и саволу масъалаҳои тести дар сомонаи Марказ нашршаванда муқоиса намуда, холҳои аз ҳар субтест бадастовардаашро мустақилона ҳисоб кунад. Баъди ҳар марҳалаи баргузории имтиҳонҳо ҷавобҳои дурусти саволу масъалаҳои тест (вобаста аз қисмҳои имтиҳон ва гурӯҳҳои ихтисосҳо) ҳамарӯза дар сомонаи Марказ (пас аз анҷоми имтиҳон дар нимаи дуюми рӯз) нашр карда мешаванд.



| Имтиҳон | Нусха |
|---|---|
| Қисми А | |
| Кори хаттӣ (эссе) | |
| Қисми Б | |

Ҷавобҳои дуруст ба саволу масъалаҳои тест

Эзоҳ:

Қисми А (имтиҳони умумӣ): субтестҳои «Забони тоҷикӣ», «Математика», «Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ»

Қисми Б (имтиҳони ихтисос): субтестҳои «Забон ва адабиёт», «Таърих», «Забони хориҷӣ»

Расми 6. Равзанаи “Нусхаи варақаи ҷавобҳо”

**5. <u>Равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо”</u>**. Маълумоти муфассал оид ба натиҷаи имтиҳонҳои супоридаи довталаб дар равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо” оварда мешавад. Дар он вобаста аз қисмҳои имтиҳони супоридаи довталаб натиҷаи имтиҳонҳо дар шакли хол ва балҳо аз ҳар субтест ва қисми имтиҳон нишон дода мешавад. Инчунин, дар ин равзана маълумот оид ба роҳ ёфтан ё наёфтани довталаб ба озмуни тақсимот ҷойгир мегардад. Равзанаи мазкур дар рӯзи эълони натиҷаҳои ИМД фаъол мешавад.

Мундариҷаи равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо” маълумоти муфассалро оид ба натиҷаи иштироки довталаб дар имтиҳонҳо дар шакли ҷадвалҳои алоҳида дарбар мегирад. Ҳамчун намуна, натиҷаи иштироки яке аз довталабонро дар ИМД-2018 мувофиқ ба муҳтавои равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо”-и кабинети инфиродияш дар якчанд расми алоҳида пешниҳод менамоем.

Дар расми 7 (а) қисми якуми равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо” оварда шудааст. Дар он натиҷаи имтиҳонҳои довталаб дар шакли холҳо ва ҳолати роҳёбии ӯ ба озмуни тақсимот нишон дода шудааст. Довталаби интихобгардида комбинатсияҳои ихтисосҳои худро аз доираи гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм – “Филология, педагогика ва санъат” интихоб намудааст, ки ҳадди ақал яке аз онҳо аз доираи ихтисосҳои яке аз муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ мебошад, зеро, тавре аз расм дида мешавад, ӯ аз забони тоҷикӣ кори хаттӣ (эссе) низ навиштааст. Дар ИМД-2018 навиштани кори хаттӣ (эссе) танҳо барои довталабони гурӯҳи ихтисосҳои 3-юм, ки интихобҳояшонро аз доираи ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ кардаанд, пешбинӣ гардида буд. Ҳамзамон, довталаби мазкур комбинатсияҳои ихтисосҳоеро интихоб кардааст, ки онҳо супоридани имтиҳони қисми В (имтиҳони эҷодӣ ва маҳорати махсус)-ро талаб мекунанд.

Бо мақсади дастрас намудани маълумоти бештар оид ба холҳои гузариши фаннӣ аз субтестҳо ва қисмҳои алоҳидаи имтиҳонҳо (вобаста ба гурӯҳи ихтисосҳо), ки барои соли имтиҳонӣ тасдиқ мегарданд, дар поёни ҷадвали дар расми 7 (а) овардашуда пайванди интернетии “Холҳои гузариши фаннӣ” ҷойгир карда шудааст.

**Шумо барои иштирок дар озмуни тақсимот, ки 7-уми август доир мегардад, РОҲ ЁФТЕД!**

| Холҳо | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қисми А | | | | Қисми Б | | | | Қисми В | Кори хаттӣ (эссе) | Ҳамагӣ (қисми А + қисми Б) |
| А1 | А2 | А3 | Ҳамагӣ | Б1 | Б2 | Б3 | Ҳамагӣ | Хол | Хол | Хол |
| 28 | 7 | 16 | 51 | 9 | 11 | 7 | 27 | 90 | 11 | 78 |

Холҳои гузариши фаннӣ

Расми 7 (а). Равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо” (қисми 1)

Дар расми 7 (б) қисми дуюми равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо” оварда шудааст. Дар он натиҷаи имтиҳонҳои довталаб дар шакли балҳо вобаста аз ҳар як комбинатсияи ихтисосҳо муфассал ҷой дода шудааст. Дар низоми ИМД нисбат ба субтестҳои имтиҳони қисми Б (имтиҳони ихтисос) вазни субтестҳо татбиқ мегардад, ки тибқи он таносуби бали имконпазири ҳадди аксар барои субтестҳои қисми Б вобаста аз фанни

асосии имтиҳони ихтисос гуногун буда метавонад. Бино бар ин, тавре аз расми 7 (б) дида мешавад, ҳамон як холи бадастовардаи довталаб аз субтестҳои қисми Б вобаста аз комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардааш ба балҳои гуногун баргардонида шудааст.

Баргардонидани холҳо ба балҳо аз ҳар субтест вобаста аз гурӯҳҳои ихтисосҳо тавассути шкалабандӣ роҳандозӣ мегардад. Аз рӯйи натиҷаҳои шкалабандӣ дар доираи ҳар гурӯҳи ихтисосҳо барои ҳар субтест ҷадвали мувофиқати холҳо ба балҳо тартиб дода мешавад. Пайванди интернетии ҷадвалҳои мувофиқати холҳо ба балҳо, ки барои соли имтиҳонӣ таҳия ва тасдиқ мегарданд, дар поёни расми 7 (б) “Ҷадвали мувофиқати холҳо ба балҳо” ҷойгир карда мешавад.

Тақсимоти довталаб ба комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардааш аз рӯйи бали умумӣ сурат мегирад, ки он барои ҳар як комбинатсияи ихтисос метавонад гуногун бошад.

| Балҳо | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бартарии интихоб | Қисми А | | | | Қисми Б | | | | Қисми В | Қисми Г | Кори хаттӣ (эссе) | Имтиёз | | Коэф | | Ҳамагӣ |
| № | А1 | А2 | А3 | Ҳамагӣ | Б1 | Б2 | Б3 | Ҳамагӣ | Бал | Бал | Бал | Бал | Намуд | Бал | Коэф | Бал |
| 1 | 44,1633 | 9,3924 | 25,3787 | 78,9344 | - | - | - | - | 270,0000 | - | 18,5991 | - | - | - | - | 367,5335 |
| 2 | 44,1633 | 9,3924 | 25,3787 | 78,9344 | 38,7977 | 27,7007 | 11,1210 | 77,6194 | - | - | 18,5991 | - | - | - | - | 175,1529 |
| 3 | 44,1633 | 9,3924 | 25,3787 | 78,9344 | 38,7977 | 27,7007 | 11,1210 | 77,6194 | - | - | 18,5991 | - | - | - | - | 175,1529 |
| 4 | 44,1633 | 9,3924 | 25,3787 | 78,9344 | 38,7977 | 27,7007 | 11,1210 | 77,6194 | - | - | 18,5991 | - | - | - | - | 175,1529 |
| 5 | 44,1633 | 9,3924 | 25,3787 | 78,9344 | 25,8651 | 41,5511 | 11,1210 | 78,5372 | - | - | 18,5991 | - | - | - | - | 176,0707 |
| 6 | 44,1633 | 9,3924 | 25,3787 | 78,9344 | 25,8651 | 13,8504 | 33,3629 | 73,0784 | - | - | 18,5991 | - | - | - | - | 170,6119 |
| 7 | 44,1633 | 9,3924 | 25,3787 | 78,9344 | 25,8651 | 13,8504 | 33,3629 | 73,0784 | - | - | 18,5991 | - | - | - | - | 170,6119 |
| 8 | 44,1633 | 9,3924 | 25,3787 | 78,9344 | 38,7977 | 27,7007 | 11,1210 | 77,6194 | - | - | 18,5991 | - | - | - | - | 175,1529 |
| 9 | 44,1633 | 9,3924 | 25,3787 | 78,9344 | 38,7977 | 13,8504 | 22,2419 | 74,8900 | - | - | 18,5991 | - | - | - | - | 172,4235 |
| 10 | 44,1633 | 9,3924 | 25,3787 | 78,9344 | 25,8651 | 13,8504 | 33,3629 | 73,0784 | - | - | 18,5991 | - | - | - | - | 170,6119 |
| 11 | 44,1633 | 9,3924 | 25,3787 | 78,9344 | 25,8651 | 13,8504 | 33,3629 | 73,0784 | - | - | 18,5991 | - | - | - | - | 170,6119 |
| 12 | 44,1633 | 9,3924 | 25,3787 | 78,9344 | 12,9326 | 27,7007 | 33,3629 | 73,9962 | - | - | 18,5991 | - | - | - | - | 171,5297 |

Ҷадвали мувофиқати холҳо ва балҳо

Расми 7 (б). Равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо” (қисми 2)

Қисми сеюми равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо”, ки дар расми 7 (в) оварда шудааст, рӯйхати комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардаи довталаб ва балҳои умумиеро, ки ҳангоми тақсимоти ӯ дар ин ё он комбинатсияи ихтисос ба назар гирифта мешавад, дарбар мегирад. Тавре ки қайд гардида буд, вобаста аз талаботи ихтисосҳо барои супоридани ин ё он қисми имтиҳон ва вазни субтестҳои имтиҳони қисми Б, бали умумии довталаб аз ҳар комбинатсияи ихтисосҳои интихобкардааш дар озмуни тақсимот гуногун буда метавонад.

| Натиҷаи умумии имтиҳонҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бартарии интихоб | Ихтисос | Муассисаи таълимӣ | Намуди таҳсил | Шакли таҳсил | Забони таҳсил | Бали умумӣ |
| 1 | 11901010501-Дизайни маҳсулоти дӯзандагӣ | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 367,5335 |
| 2 | 1020303-Забон ва адабиёти тоҷик. Алифбои ниёгон | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 175,1529 |
| 3 | 101020204-Таҳсилоти ибтидоӣ. Забон ва адабиёти тоҷик | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 175,1529 |
| 4 | 103030502-Логопедия. Таҳсилоти ибтидоӣ | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 175,1529 |
| 5 | 1030304-Олигофренопедагогика. Таърих | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 176,0707 |
| 6 | 101010203-Таҳсилоти томактабӣ. Забони англисӣ | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 170,6119 |
| 7 | 1020306-Забони англисӣ | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | рӯзона | ройгон | тоҷикӣ | 170,6119 |
| 8 | 101020205-Таҳсилоти ибтидоӣ. Забони русӣ | Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | рӯзона | пулакӣ | русӣ | 175,1529 |
| 9 | 1230111-Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ (аз рӯйи самтҳо) | Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода | рӯзона | пулакӣ | тоҷикӣ | 172,4235 |
| 10 | 121060102-Забонҳои муосири хориҷӣ (тарҷума, забони русӣ) | Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | рӯзона | пулакӣ | русӣ | 170,6119 |
| 11 | 121050208-Забони хориҷӣ (забони олмонӣ) | Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ | рӯзона | пулакӣ | тоҷикӣ | 170,6119 |
| 12 | 1020307-Забони франсавӣ. Минтақашиносӣ | Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода | рӯзона | пулакӣ | тоҷикӣ | 171,5297 |

Расми 7 (в). Равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо” (қисми 3)

Дар расми 7 (г) қисми чоруми равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо” оварда шудааст, ки он ҳамчун қисми иттилоотӣ хизмат мекунад. Дар он шарҳу эзоҳи майдонҳои ҷадвалҳоеро, ки онҳоро равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо” дарбар мегирад, ҷой дода мешавад: номи қисмҳои имтиҳон ва субтестҳои онҳо, намуди имтиёзҳо.

Дар низоми ИМД барои гурӯҳҳои муайяни довталабон имтиёзҳо муқаррар гардидаанд. Бо мақсади пешниҳод кардани маълумоти бештар оид ба имтиёзҳо дар поёни ҷадвали дар расми 7 (г) овардашуда пайванди интернетии “Имтиёз ба киҳо дода мешавад?” ҷойгир карда шудааст.

| Эзоҳ | |
|---|---|
| Субтестҳо ва қисми имтиҳон | Имтиёз |
| **Қисми А** – имтиҳони умумӣ | ***Намуди имтиёз*** |
| **A1** – Забони тоҷикӣ | **1** – ятими кул/бепарастор |
| **A2** – Математика | **2** – маъюб |
| **A3** – Таърихи халқи тоҷик ва асосҳои давлат ва ҳуқуқ | **3** – ғолиби олимпиадаи ҷумҳуриявӣ |
| **Қисми Б** – имтиҳони ихтисос | **4** – ғолиби олимпиадаи байналмилалӣ |
| **Б1** – Забон ва адабиёт | **6** – дорандаи дастоварди варзишӣ |
| **Б2** – Таърих | **7** – дорандаи дастоварди дар соҳаи санъат |
| **Б3** – Забони хориҷӣ | **8** – хизмати ҳарбӣ/фарзанди хизматчии ҳарбии ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ ҳалокшуда |
| **Қисми В** – имтиҳонҳои эҷодӣ ва маҳорати махсус | **1,05; 1,10; 1,15 – Коэффитсиенти ноҳиявӣ (коэф. ноҳиявӣ).** Коэффитсиенти ноҳиявӣ ба бали танҳо аз қисми Б (имтиҳони ихтисос) бадастовардаи довталабони ҷойҳои буҷетии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон ва ҷойҳои буҷетии ихтисоси “Кори момодоягӣ”-и коллеҷҳои тиббӣ татбиқ карда мешавад. |
| **Қисми Г** – имтиҳонҳои иловагии тахассусӣ барои ихтисосҳои пешниҳодкардаи филиали ДДМ ба номи М.В. Ломоносов | |
| **Кори хаттӣ (эссе)** | |

Имтиёз ба киҳо дода мешавад?

Расми 7 (г). Равзанаи “Натиҷаи имтиҳонҳо” (қисми 4)

**6. Равзанаи “Натиҷаи тақсимот”**. Маълумот оид ба комёб шудани довталаб тибқи натиҷаи озмуни тақсимот аз рӯйи яке аз комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардааш ё комёб нашуданаш дар равзанаи “Натиҷаи тақсимот” оварда мешавад. Он дар рӯзи эълони натиҷаҳои озмуни тақсимот фаъол мегардад.

Агар довталаб дар озмуни тақсимот тибқи яке аз комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардааш комёб гардида бошад, дар сутуни “Бали гузариш” барои комбинатсияи ихтисоси тибқи он комёбгардида ва комбинатсияҳои ихтисосҳои бартарияшон баландтар, ки аз рӯйи онҳо комёб нагардидааст, бали гузариш нишон дода мешавад. Дар чунин ҳолат (комёб гардидани довталаб мувофиқи яке аз комбинатсияи ихтисосҳои интихобкардааш) маълумот дар бораи комбинатсияи ихтисосҳои бартариашон пасттари довталаб нишон дода намешавад.

Ҳамчун намуна, дар расми 8 мундариҷаи равзанаи “Натиҷаи тақсимот” мувофиқ ба ҳолати иштироки яке аз довталабони ИМД-2018 дар озмуни тақсимот оварда шудааст. Қабл аз ҳама, дида мешавад, ки довталаб дар озмуни тақсимот аз рӯйи интихоби 10-уми худ комёб гардидааст. Сабаби дар комбинатсияҳои ихтисосҳои бартарии интихобҳояшон аз 1-ум то 9-ум комёб нагардидани довталаб аз муқоиса кардани сутунҳои “Бали бадастоварда” ва “Бали гузариш” баръало аён мегардад. Яъне, агар бали умумии бадастовардаи довталабро барои интихобҳои аз 1-ум то 9-уми ӯ бо балҳои гузариш дар ин комбинатсияҳои ихтисосҳо муқоиса кунем, пас мебинем, ки дар ҳақиқат, бали бадастовардаи довталаб аз бали гузариш дар ин комбинатсияҳои ихтисосҳо паст аст. Бали бадастовардаи довталаб (409,0133 бал) аз бали гузариш барои комбинатсияи ихтисоси бартарии интихобаш 10-ум (330,6665 бал) баланд аст. Бино бар ин, довталаб дар озмуни тақсимот маҳз аз рӯйи ҳамин комбинатсияи ихтисосҳои интихобкардааш комёб гардидааст. Лозим ба зикр аст, ки бали бадастовардаи довталаби дар озмуни тақсимот комёбшуда метавонад ба бали гузариш аз рӯйи комбинатсияи ихтисосе, ки довталаб тибқи он комёб гардидааст, баробар бошад. Ин ҳолат чунин маъно дорад, ки довталаби мазкур дар доираи тибқи нақшаи қабул ҷудогардида дар ҷойи охирин аст. Маълумот дар бораи интихобҳои 11-ум ва 12-уми довталаб оварда намешавад, зеро довталаб метавонад танҳо тибқи яке аз комбинатсияҳои ихтисосҳои интихобкардааш тақсимот шавад. Чунин амал мантиқан низ дуруст аст, зеро ҳангоми бақайдгирӣ худи довталаб аз рӯйи хоҳиши худ бартарии интихобҳои комбинатсияҳои ихтисосҳояшро муайян мекунад ва дар сурати комёб гардидани ӯ мувофиқи комбинатсияи ихтисосҳои бартарии интихобаш баландтар барои идома додани раванди тақсимот дигар ҳоҷате боқӣ намемонад.

Инчунин, дар қисми поёни ин равзана маълумоти иловагӣ оид ба нишонии ҷойгиршавии муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ё олии касбие, ки ба он довталаб тақсимот шудааст ва матни огоҳидиҳанда дар бораи сари вақт (масалан, дар ИМД-2018 то 19.08.2018) ҳозир шудани ӯ ба муассисаи таълимии дахлдор ҷой дода мешавад. Барои дастрас кардани маълумоти бештар оид ба муассисаҳои таълимие, ки ба низоми ИМД дохил ҳастанд, дар ин қисм пайванди интернетии “Муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” низ ҷойгир карда шудааст.

**Шумо аз рӯи интихоби 10 гузаштед! Фавран ба муасиссаи таълимӣ ҳозир шавед!**

**Натиҷаи тақсимот**

| Бартарии интихоб | Ихтисос | Муассисаи таълимӣ | Намуди таҳсил | Шакли таҳсил | Забони таҳсил | Бали бадастоварда | Бали гузариш |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 010302-Математикаи амалӣ ва информатика | Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе | ройгон | рӯзона | русӣ | 537,3875 | 623,7971 |
| 2 | 90301-Информатика ва техникаи ҳисоббарорӣ | Филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқотии технологӣ “МИСиС” дар шаҳри Душанбе | ройгон | рӯзона | русӣ | 259,3875 | 299,2676 |
| 3 | 16901-Меъморӣ (ФМТ ДМТБ) | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ройгон | рӯзона | русӣ | 409,0133 | 425,1448 |
| 4 | 17002-Сохтмонӣ (ФМТ ДМТБ) | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ройгон | рӯзона | русӣ | 259,3875 | 333,9673 |
| 5 | 1690101-Меъморӣ | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ | 409,0133 | 423,3559 |
| 6 | 170020105-Лоиҳакашии биноҳо ва иншоот | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ | 259,3875 | 388,3714 |
| 7 | 1700201-Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ | 259,3875 | 328,3270 |
| 8 | 169010109-Дизайни муҳити меъморӣ | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | ройгон | рӯзона | русӣ | 409,0133 | 415,4870 |
| 9 | 131030302-Математикаи амалӣ (фаъолияти илмию истеҳсолӣ) | Донишгоҳи миллии Тоҷикистон | ройгон | рӯзона | тоҷикӣ | 259,3875 | 315,7791 |
| 10 | 1690101-Меъморӣ | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ | пулакӣ | рӯзона | тоҷикӣ, русӣ | 409,0133 | 330,6665 |

Суроғаи муасиссаи таълимӣ: **Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ (шаҳри Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10)**

Муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТАВАҶҶУҲ! Тибқи тартиби муқарраргардида, дар сурати сари вақт то 19-уми август ба муассисаи таълимии таҳсилоти миёна ё олии касбии дахлдор ҳозир нашудани довталаб ва ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод накарданаш ӯ аз ҳуқуқи қабул шудан ба муассисаи таълимӣ маҳрум мегардад ва ҷойҳои аз ин ҳисоб холимонда дар озмуни тақсимоти такрорӣ пешниҳод карда мешаванд.**

Расми 8. Равзанаи “Натиҷаи тақсимот”

Низоми иттилоотии “Кабинети инфиродии довталаб”-ро, ки дар бораи он муфассал баён карда шуд, бидуни ҳама гуна шак метавон ҳамчун яке аз воситаҳои асосӣ дар таъмини шаффофияти низоми ИМД ном бурд.

Акнун ҳолати истифодаи кабинетҳои инфиродӣ аз ҷониби довталабон дар давоми солҳои роҳандозии ИМД мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт. Маълумоти оморӣ дар бораи шумораи умумии довталабони тайи солҳои 2014 – 2018 азқайдгузашта ва ҳиссаи онҳое, ки аз кабинетҳои инфиродияшон ҳадди ақал маротибае истифода бурдаанд, дар ҷадвали 1 оварда шуда, он дар расми 9 тасвир гардидааст. Аз ин расм дидан мумкин аст, ки ҳолати истифодашавии кабинетҳои инфиродӣ дар солҳои мавриди назар гоҳ хусусияти камшавиро дораду гоҳ афзуншавиро, яъне, он на ҳамеша камшаванда ё на ҳамеша афзуншаванда аст.

Ҳиссаи аз ҳама бештари довталабоне, ки аз кабинетҳои инфиродии худ истифода бурдаанд, ба соли 2014 (77,76 %), соли аввали роҳандозии низоми ИМД, рост меояд. Маҳз дар соли 2014 гунаи аввалини низоми иттилоотии “Кабинети инфиродии довталаб” таҳия ва ба истифода дода шуда буд. Агарчи тайи солҳои минбаъда то ба имрӯз он борҳо мавриди азнавсозию мукаммалгардонӣ қарор гирифта, имкониятҳои бештаре ба он ворид гардид, ҳиссаи довталабони аз кабинетҳои инфиродияшон истифодакарда нисбат ба соли 2014, мутаассифона, бештар нагардида, баръакс, кам шудаанд. Аз ҷумла, дар солҳои 2015-2016 динамикаи истифодаи кабинетҳои инфиродӣ аз ҷониби довталабон рӯ ба камшавӣ оварда (бо фарқи -14,46% дар соли 2015 нисбат ба соли 2014 ва -6,85% дар соли 2016 нисбат ба соли 2015), сипас дар соли 2017 бо фарқи +16,69% нисбат ба соли 2016 афзоиш ёфтааст. Гарчанде ки барои соли 2018 нисбат ба соли 2017 фарқи на он қадар калон (-1,85%) ҷой дорад, аммо боз динамикаи манфӣ ба чашм мерасад. Ба ҳисоби миёна дар давоми солҳои баррасишаванда ҳиссаи довталабоне, ки аз кабинетҳои инфиродии худ истифода бурдаанд, 68,39 %-ро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 1. Омори истифодаи кабинетҳои инфиродӣ аз ҷониби довталабон (дар ИМД-и солҳои 2014-2018)

| Шумораи довталабон | | Соли баргузории ИМД | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
| Ҳамагӣ | | 52 408 | 73 700 | 83 068 | 96 541 | 95 817 |
| Кабинетҳои инфиродияшонро истифода карданд (аз 1-уми март то 31-уми август) | шумора | 40 754 | 46 654 | 46 891 | 70 614 | 68 309 |
| | ҳисса (%) | 77,76 | 63,30 | 56,45 | 73,14 | 71,29 |




Расми 9. Ҳолати истифодаи кабинетҳои инфиродӣ аз ҷониби довталабон (дар ИМД-и солҳои 2014-2018: аз 1-уми март то 31-уми август)

Агарчи низоми иттилоотии “Кабинети инфиродии довталаб” дар таъмин кардани шаффофияти низоми ИМД мавқеи калидиро бозида, ба довталабон имкониятҳои зиёдеро фароҳам меоварад ва дар шакли содаю равон дастрас асту Марказ ҳамасола бо истифода аз восита ва тадбирҳои гуногун корбарии самараноки онро ташвиқу тарғиб менамояд, мутаассифона, дар давоми панҷ соли роҳандозии ИМД на ҳамаи довталабон аз он истифода мебаранд.

**Хулоса.** Гарчанде ба ҳисоби миёна ҳиссаи довталабони ИМД, ки тайи солҳои 2014-2018 аз кабинетҳои инфиродии худ истифода бурдаанд, 68,39 %-ро ташкил диҳад ҳам, ҳанӯз чунин ҳолат боиси қаноатмандӣ нест. Зеро имрӯзҳо мо дар асри XXI – асри илму техника ва навовариҳо, асри рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва интернет қарор дорем, ҳолати аз ҷониби на ҳамаи довталабон истифода шудани имкониятҳои вижаи ИМД бо ёрии технологияҳои муосир, аз ҷумла, низоми иттилоотии “Кабинети инфиродии довталаб” дар самти назорат кардани ҳолати иштироки худ дар ИМД ва таъмини шаффофияти ин имтиҳонҳо, ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонад қонеъкунанда арзёбӣ гардад.

Аз нигоҳи мо, яке аз воситаҳо барои боз ҳам беҳтар гардонидани ҳолати бакорбарии кабинетҳои инфиродӣ аз ҷониби довталабон дар солҳои минбаъда ҷудо кардани якчанд соат барои гузаронидани машғулиятҳои сирф амалӣ дар фанҳои ба самти ТИК алоқаманд мебошад. Гузаронидани машғулиятҳои амалӣ оид ба тарзи дурусти истифодаи кабинетҳои инфиродӣ ҷиҳати дастрас кардани маълумоти саривақтӣ ва боэътимод дар бораи натиҷаи иштироки худ дар ИМД ҳамчун довталаби оянда пурманфиат хоҳад буд. Дар навбати худ, мутахассисони соҳавии Марказ омодаанд, ки барои самаранок гузаронидани чунин машғулиятҳо бо муассисаҳои таълимии дахлдор ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монанд.

## АДАБИЁТ

1. Назаров Р. С. Имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ – татбиқгари усули тестгузаронии мутамарказ ва фарогир / Р. С. Назаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2017. – № 1-4 (49). – С. 193-199.
2. Назаров Р. С. Тестгузаронии педагогӣ ҳамчун усули арзёбии объективонаи натиҷаҳои раванди таълим / Р. С. Назаров // "Номаи донишгоҳ"-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ. – 2017. – № 4 (53). – С. 292-299.
3. Роҳнамои довталаб: Дастури иттилоотию методӣ. – Душанбе: Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – 190 с.
4. Тартиби гузаронидани имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми марти соли 2018, № 81 тасдиқ шудааст.